# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2026)**

Дар замони имрӯза рушди бемайлони равандҳои ҷаҳонишавӣ, тавсеаи робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии байни давлатҳо, инчунин пешрафти илму технология боиси афзудани муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ мегардад. Ин раванд, дар навбати худ, зарурати танзими дақиқ ва самараноки чунин муносибатҳоро ба миён оварда, ба ташаккул ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз ҷумла, низоми меъёрҳои коллизионӣ мусоидат менамояд. Таҳлили амиқи илмии масоили амали меъёрҳои коллизионӣ метавонад мушкилоти мавҷударо дар самти муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳо бартараф намояд.

Муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ имрӯз яке аз падидаҳои фарогири низоми ҳуқуқии ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, аҳаммияти онҳо на танҳо дар доираи як давлат, балки дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ низ афзоиш ёфтааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намудааст, ки танзими самараноки чунин муносибатҳо бидуни истифодаи дурусти меъёрҳои коллизионӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ имконнопазир мебошад. Ҳамзамон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар чунин муносибатҳо ба яке аз вазифаҳои муҳими давлат табдил ёфтааст.

Афзоиши гардиши молу хизматрасониҳо, рушди сармоягузориҳои хориҷӣ, фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, бастани аҳдномаҳои байналмилалии хусусӣ, инчунин афзоиши баҳсҳои дорои унсури хориҷӣ нишон медиҳанд, ки масъалаи муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда аҳаммияти хоса касб намудааст. Дар чунин шароит, меъёрҳои коллизионӣ ҳамчун воситаи асосии танзими ҳуқуқӣ баромад намуда, интихоби ҳуқуқи дахлдорро барои ҳаллу фасли муносибатҳои мазкур таъмин менамоянд.

Ҳамзамон, дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти муайян вобаста ба татбиқи меъёрҳои коллизионӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, масъалаҳои вобаста ба ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда, эътироф ва иҷрои қарорҳои судии хориҷӣ, инчунин нокифоя будани таҷрибаи судӣ дар ин самт ба мушоҳида мерасад. Ин ҳолат зарурати таҳқиқоти илмии амиқ ва таҳияи асосҳои назариявию амалии такмили низоми меъёрҳои коллизиониро ба миён меорад.

Илова бар ин, бо рушди босуръати қонунгузорӣ ва қабули санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ, дар баъзе ҳолатҳо ихтилоф ва номувофиқии меъёрҳо ба вуҷуд меоянд. Аз нигоҳи назарияи ҳуқуқ, зиёд гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад боиси пайдоиши коллизияҳои ҳуқуқӣ гардад, ки ин ҳолат дар навбати худ ба татбиқи якхелаи қонунгузорӣ монеа эҷод мекунад. Аз ин рӯ, масъалаи такмил додани низоми меъёрҳои коллизионӣ, муттаҳидсозӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ кодификатсияи онҳо аҳаммияти муҳим пайдо менамояд.

Ҳамчунин, мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, бо дарназардошти ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, таҳқиқи масъалаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ имкон медиҳад, ки заминаҳои ҳуқуқии ҳамгироии низоми ҳуқуқии миллӣ бо

низоми ҳуқуқии байналмилалӣ таҳким ёбанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи масъалаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби диссератант аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, инчунин дар заминаи рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ва такмили низоми ҳуқуқии миллӣ, саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Бе шубҳа натиҷаҳои татқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст фаррох истифода бурда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти рисолаи илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа дар шароити муосир пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Таҳлили муфассали нишондодҳои Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ гардидааст, метавонист ба мукаммал

гардидани таҳқиқот ва асоснок шудани таклифҳои амалии дар рисолаи илмӣ пешниҳодгардида, мусоидат намояд.

Андешаи мазкур ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Исматзода Исматулло Бобохуҷа ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Сардори Хадамоти иҷрои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3 Абдуллозода А.Р.

имзои Абдуллозода А.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои ва таъминоти
ҳуқуқии Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода Ҳ.Қ.

“13” 04 соли 2026

Суроғаи мақомот:
734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи И.Сомонӣ 8,
тел: +992 (37) 228-98-71;
факс: +992 (37) 228-98-71;
E-mail:info@ijro.tj
Сомонаи расмӣ: ijro.tj